*Ба сифати дастнавис*

**РАСУЛЗОДА СОРБОН ПИРМАД**

# ЗАМИНАҲОИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ РАВИЯВИИ БИОЛОГИЯ ДАР СИНФҲОИ 10 - 11 –И МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ихтисос: 13.00.02. – назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (биология)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

**Бохтар – 2019**

**КОР ДАР КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ ИҶРО ШУДААСТ.**

**Роҳбари илмӣ:** **Холназаров Санг –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Муқарризони расмӣ:** **Ғиёсов Тавакал -** доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ

Ҳимоя дар санаи 10.10.2019 сол дар соати $13^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D КОА–044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон доир ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02-назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (биология) бо суроғаи:, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва дар сомонаи tgpu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат дар сомонаи расмии КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сайти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон http://vak.tj/ ҷой дода шудааст.

Автореферат «…» … с … . фиристода шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои химия, дотсент** **Гулов Т.Ё.**

# I. ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**

Рушди пешрафти илму техника, технологияҳои муосир дар давраи ҷаҳонишавӣ дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ибтидои асри XXI мутахассисони баландихтисосро тақозо дорад. Дар робита бо татбиқи Консепсияи таълимоти касбӣ, мушкилоти таълимоти равиявӣ ва инфиродӣ дар таълиму тарбияи насли наврас вуҷуд дорад, ки танҳо дар раванди ба назар гирифтани хусусиятҳои рӯҳонӣ ва равонии шахсият амалӣ карда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаҳои илму маориф ва техникаву технологияи муосир, ҳамчун заминаи муҳим ва асосӣ барои инкишофу таҳкими тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таваљҷуҳи хоса медиҳад ва соҳаи маорифро яке аз соҳаи калидию самтҳои афзалиятноки сиёсати худ ҳисобида чораҳои заруриро барои ташаккули намунаи баланди таҳсилоти босифати миллӣ, дар ҳамкорӣ бо низоми маорифи ҷаҳонӣ, инчунин таъмини талаботҳои инсонӣ ва шахсият дар азхудкунии дониш ва касбу ҳунар тавъам мешуморад.

Ҳадафи асосии тағйироти зинаҳои баландтарини таҳсилоти умумӣ ин фардикунонӣ, ташкили таълими равиявӣ ва тафриқавӣ, инчунин такмил додани самаранокии таълим мебошад. Аз ин рӯ вазифа гузошта шудааст, ки низоми таълими махсус дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд бо назардошти бозори меҳнат ташкил карда шавад.

Гузариши низоми маорифи ҷумҳурӣ ба таълимоти равиявӣ қисман тағйироти мақсад ва ҳадафҳои омӯзиши фанни биологияро, ки асосан ба инкишофи шахсият, ташаккул додани манфиатҳо ва ҳавасмандгардонӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва эҷодӣ, қобилиятҳои ақлонии хонандагон равона карда шудааст, тақозо дорад.

Аксарияти олимон – методистон, равоншиносон, педагогон масъалаи таълими тафриқавӣ ва инфиродиро дар раванди омӯзиш хеле муҳим арзёбӣ мекунанд. Барои ҳаллу фасли ин масъала: муайян намудани ҳадафҳои омӯзиш, як қатор масъалаҳоро оиди ташаккул додани таълимоти тафриқавӣ, меъёрҳои сарбории муассисаи таҳсилотбачагаон дар синфҳои равиявӣ (соҳавӣ), интихоби касб аз ҷониби донишҷӯён ва ғайраро омода сохтан зарур аст.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзӯи таҳқиқот.** Таҳқиқи ин гуна масъалаҳо аз ҷониби олимони рус Г.Д. Глейзер, И.Я. Лернер, И.Д. Зверева, В.В. Краевский, И.М. Осмоловская, Е.С. Рабунский, И.Е. Унт, А.Г. Хрипкова, Н.А. Шамкхаева ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Ҳангоми омӯзиши мероси педагогӣ ва роҳҳои таърихии рушди педагогикаи халқи тоҷик қайд карда мешавад, ки таълимоти равиявӣ ва

тафриқавӣ таърихи хеле қадимаи худро дорад. Ҳамин тавр, хонандагонро дар соҳаҳои мухталиф, аз қабили фалсафа, дорусозӣ, математика, астрономия, адабиёт ва ғайра омӯзиш медоданд. Омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия, қобилиятҳо ва малакаҳо, шавқу ҳаваси ҳар як хонандаро ба инобат мегирифтанд ва дар алоҳидагӣ ба онҳо вазифаҳои фардӣ дода мешуданд.

Таҳқиқотчиёни ватанӣ, ҳамчун У.З. Зубайдов, М.Л. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода,Ҷ.Шарифов, С.Холназаров, Л.К. Назиров ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни назариявиро дар омӯзиши масъалаи таълими равиявӣ низ пешниҳод намуданд.

Вале ҳангоми ташкили таълими равиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ватанӣ дар бисёр маврид таълимоти назариявӣ, методологӣ ва таҷрибаи мавҷуда ба назар гирифта нашудааст. Бинобар ин, дар солҳои гузашта, таълими равиявӣ ва омӯзиши амиқи фанҳо боиси афзудани ҳаҷми донишҳо мегардид. Қобилиятҳо ва малакаҳои хонандагон яктарафа инкишоф меёфт ва онҳо барои азхудкунии фанҳои ғайрисоҳавӣ шавқу рағбати зиёд надоштанд.

Феълан як қатор тафовутҳо байни ҷанбаҳои муҳими ҷараёни таълимӣ ба вуҷуд омадаанд: якум, бо сабабе ки дар кишвар шароитҳои илмӣ, техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ тағйир ёфтаанд, ин ба тағйир ёфтани мундариҷа ва сохтори раванди таълим дар фанҳои биологӣ сабаб шуд, дуюм, масъалаҳои таълими равиявии (соҳавии) биологии хонандагон ба таври кофӣ коркард нашудаанд ва ғайраҳо сабаби интихоб ва таҳқиқӣ мавзӯи "Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" гардид.

**Объекти таҳқиқот:** – раванди таълими равиявии соҳаи химия ва биология барои хонандагони синфҳои болоии (10 ва 11) муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ № 13 ва хонандагони литсейи № 1 ш. Бохтар, гимназияи № 1 ш. Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** дарёфти тадбирҳои самарабахш барои баланд бардоштани муваффақиятнокии таълими равиявӣ аз фанни биология барои хонандагони синфҳои 10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Фарзияи илмии рисола** – таълими равиявии биология дар синфҳои болоӣ, соҳаи химия – биология метавонад самаранок бошад, агар:

– барои таълими равиявии фанҳои биологӣ принсипҳои таълим дуруст муайян карда шаванд;

– ҳадафи таълими соҳавии биология бояд ба таҳкими таълимоти равиявӣ равона карда шавад;

– бо назардошти мақсад ва принсипҳои таълими равиявии фанҳои биологӣ, мундаричa ва сохтори таълими соҳавӣ муайян карда шавад;

– дар таълими равиявии фанҳои биологӣ методҳо, шакл ва воситаҳои ин раванди таълим муайян карда шаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот инҳоянд:**

1. Муайян намудани ҷанбаҳои таърихии ташаккули таълимоти равиявии биологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ватанӣ ва хориҷӣ.

2. Тақвият ва асоснок намудани мақсад ва мазмун, таҳияи технологияи таълимоти равиявии фанҳои биологӣ барои хонандагони синфҳои 10-11.

3. Муайян намудани принсипҳо барои рушди таълимоти равиявии фанҳои биологӣ дар синфҳои болоии соҳаи химия ва биология.

4. Бо усулҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ муайян намудани самаранокии технологияи таълимоти равиявии соҳаи химия ва биология.

Ҳангоми ҳаллу фасли вазифаҳои гузошташуда **методҳои**: назариявӣ (амсиласозӣ, таҳлил, муқоиса, ҷамъбасткунӣ), таҷрибавӣ (мушоҳида – бевосита ва бавосита, таҷрибаҳои педагогӣ, пурсиши (анкетагузаронии) хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилот, суҳбатҳо, методҳои оморӣ ва таҳлили математикии натиҷаҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои ҳуқуқие, ки парламенти кишвар нисбат ба соҳаи маориф ба тасвиб расонидааст; Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020; методология ва назарияи фаъолият; назарияи ташаккули рушди шахсияти хонандагон (С.Б. Рубинштейн, А. Н. Леонтев, Л. Н. Божович); муносибатҳои низомӣ – методологӣ (И.В. Блауберг, В.Н. Садовский, Э.Г. Юдин); диққат ба шахсият (Л.Н. Леонтев, И.Я. Лернер, И.С. Якимовская ва диг.); мушкилотӣ (А.М. Матюшкин, М.И. Махмудов ва диг.); тафриқавӣ (И.Э. Унт, М. Осмоловская ва диг.); ақидаҳои инсондӯстӣ, сабзкунонӣ, омӯзиши физикӣ ва биологӣ (Н.М. Александрова, А. Алексеев, Н.Д. Андреева ва диг.) ташкил медиҳанд.

**Дар таҳқиқот методҳои зерин истифода шуданд:**

- назариявӣ: таҳлил, синтез, муқоиса ва ҷамъбасткунӣ; амсиласозӣ;
- озмоишӣ: мушоҳидаи бевосита ё бавоситаи педагогӣ, пурсиши хаттии омӯзгорон ва хонандагон, суҳбат, озмоиши педагогӣ;
- методҳои омории таҳлили математикии маълумоти озмоиш.

**Марҳилаҳои таҳқиқот**. Таҳқиқот дар муддати зиёда аз шаш сол гузаронида шуда, аслан он се марҳиларо фаро мегирад:

**Марҳилаи аввал** (2011-2012). Сарчашмаҳои адабиётии мавҷудбуда доир ба масъалаи мавриди баррасӣ омӯхта шуда, мафҳумҳо муайян ва амиқ карда

шуданд; вазъи омӯзиши масъала ва роҳҳои таҳқиқот муайян карда шуданд, усули таҷрибавию озмоишӣ таҳия гардид.

**Марҳилаи дуюм** (2013-2015). Принсипҳои ташаккул додани муҳтаво, амсилаи назариявӣ, методологияҳо, навъҳо, усулҳо, амсилаҳои ёрирасон ва методҳои таҳкиқот муайян карда шуданд.

**Марҳилаи** сеюм (2016-2019). Озмоишӣ педагогии таҳқиқот анҷом дода шуда, натиҷаҳои таҳқиқот таҳлил,ҷамъбаст ва дар шакли рисола таҳия карда шуданд.

**Пояи таҷрибавии таҳқиқотро м**уассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13 ва Литсейи № 1 – и шаҳри Бохтар ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал:**

– аҳамият ва маънои чунин мафҳумҳои педагогӣ, ҳамчун "таълими равиявии биология", "курсҳои интихобии биология" муайян карда шуда, дар сатҳи назариявӣ амсилаи самарабахши таълими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба таълими равиявии соҳаи химия ва биология таҳия карда шуд;

– нақшаи намунавии таълим дар равияи табии ва математикии соҳаи химия ва биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми пешниҳод карда шуд.

– мафҳумҳои асосӣ вобаста ба равия ва соҳаи интихоб намудаи хонандагон таҳия, амиқ ва мушаххас гардида, намудҳо, усулҳо ва воситаҳои фардикунонии таълими соҳаи химия ва биология муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

– мазмуну мундариҷаи курси биологӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ (10 – 11) асоснок карда шудаанд (инсондӯстӣ, ҳамгироӣ, тафриқавӣ, асоснокии донишҳои илмии биологӣ, алоқаи зичи таҳсилоти касбӣ бо политехникӣ);

– принсипҳои ташкилии таълими биология бо назардошти таълими равиявӣ (шахсӣ, мушкилот, баҳсҳо, мустақилии хонандагон дар қабули қарордодҳо, алоқаи мутақобилаи фаъолияти дастаҷамъӣ ва шахсии хонандагон, қаноатмандии хонандагон ба талаботҳои маънавӣ ва ниятҳо) ва ҳоказо муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз:

– истифодаи самараноки технологияи таълими биология дар синфҳои равиявӣ, (соҳаи химия ва биология), мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс ва лексияҳои проблемавӣ, лексия – сӯҳбатҳои тамоюли эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо, машғулиятҳои семинарӣ ва ғайра), вазифаҳои хонагии эҷодӣ бо унсурҳои вазифаҳои тадқиқотӣ, супоришҳои иловагии беруназсинфӣ (экскурсияҳо ба музейҳо ва табиат, ҷамияти илмии хонандагон аз фанни

биология, конфронсҳои илмӣ, корҳои мустақилона оид ба омӯзиши адабиёти илмӣ;

– назорати дониши ба даст омадаи хонандагон (гузаронидани таҷрибаҳои биологӣ, намоиши корҳои амалӣ, ҳимояи рефератҳо, баҳогузорӣ оид ба мавзӯъҳои интихобшуда ва умумӣ) ва методҳое, ки ба мустаҳкам намудани қобилияти мустақилонаи хонандагон таъсир расондан қодиранд (маълумотӣ ва тадқиқотӣ);

– методикаи истифодаи таълими равиявӣ дар фаъолияти амалии омӯзгорони биология ва табиатшиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ, дар тайёр намудани омӯзгорони биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ғайраҳо иборат аст.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути услуби муносибати бонизом, контсепсияи илмии ташхиси педагогӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва даврӣ (эмпирикӣ), инчунин натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, тасдиқи мафҳумҳои дар фарзия баёнгардида, маҷмуи услубҳои, ба ҳар як марҳилаи таҳқиқот мувофиқ, таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати омӯзгор, таъмин карда мешавад.

Ҳамчунин эътимоднокӣ ва самаранокии рисолаи илмиро натиҷаҳои тадқиқот, тамоюл ба корҳои назариявӣ дар таълими равиявӣ усулҳое, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, натиҷаҳои озмоишӣ педагогӣҳузури шахсии муаллиф дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ, ки дар рисола нишон дода шудаанд исбот гардидааст.

**Нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

1. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои назариявии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҷрибаи ташкили таълими равиявӣ (соҳавӣ) дар мамолики хориҷӣ наздик ва дур.

2. Асосҳои назариявии таълими равиявии биологӣ – ин ташаккули мазмуни курси равияи биологӣ, принсипҳои ташкили таълимӣ равиявӣ, ягонагии фаъолияти инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, эҷодӣ ва мустақилонаи хонандагон мебошанд.

3. Роҳҳои беҳтар ва баландтар бардоштани сатҳи равиявии таълими биология (соҳаи химия – биология), зарурати таҳияи барномаҳо, дастурҳои таълимию методӣ барои ташкили таълими равиявии хонандагон дар сатҳи гуногун, дараҷаи дониш, қобилият ва малакаҳои онҳо.

4. Коркарди намунаи технологияи ташкили таълими равиявии соҳаи биология вобаста ба шароити педагогӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогии он дар синфҳои10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот**

Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар ҷараёни омӯзиши биология дар муассисаҳои таҳсилотишаҳри Бохтари вилояти Хатлон, дар кафедраи «Методикаи таълими фанҳои табиатшиноси» – и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, дар конференсияҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва ғайра баррасӣ ва муҳокима шуданд. Ҷузъиёти асосии таҳқиқот дар маҷалаҳои илмӣ – методӣ нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва маҷмӯи рисолаи илмӣ**. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки дар 196 саҳифаи чопи компютерӣ, аз ҷумла 20 ҷадвал ва 7 расм пешкаш карда шудааст. Рӯйхати адабиёт ҷамъ 179 номгӯйро дар бар мегирад.

## I. МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

**Дар муқаддима** муҳимияти масъала асоснок карда шуда, объект ва мавзӯи таҳқиқот, мақсад, фарзияи таҳқиқот ва муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, баён шудаанд. Асосҳои методологӣ ва методҳо, марҳилаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, эъимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳо тавсиф шудаанд.

**Боби якум – «Ташаккул, рушд ва асосҳои назариявии таълими равиявии биология»** - аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якум –** “Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои равонию педагогии таълими равиявии биология” – афкори муҳаққиқони гуногун дар бораи нақши рушдёбандаи таълим аз асрҳои қадим то замони мо пешниҳод карда шудаанд**».**

Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои психологӣ – педагогии таълими равиявии биологияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, мо ба рушд ва таърихи он дар Россия диққат надода наметавонем, чунки таълими равиявӣ дар ҷумҳурии мо то замони ба даст овардани истиқлолият бо таълими равиявии Россия алоқаи зич дорад.

Таълими қадимаи классикӣ мероси ахлоқӣ буда, ягонагии илм, санъат ва касбро инъикос менамояд. Дар асри XVIII таълимоти актуалӣ, ки бо ғояҳои тағйирдиҳии ҳаёти амалӣ бой буд, муқобили таълимоти классикӣ баромад мекард. Кӯшишҳои аввалин доир ба корбурди якҷояи таълими классикӣ ва актуалӣ дар ибтидоӣ асри XIX пайдо шудаанд. Дар нимаи дуюми асри XIX ин масъала ба дараҷаи муайян ҳаллу фасли худро ёфт – аксари илмҳои маълумоти умумӣ бо истифодаи табиат муқоиса карда шуданд.

Асосҳои назариявии интихоби мазмуни таҳсилот дар таҳқиқотҳои илмии олимону педагогҳои машҳур – Ж.Ж. Руссо, Я.А. Коменский, И.Г. Пестолоцци, А.Г. Дистервег, А.Д. Ушинский, Н.Ф.Букаков ва дигарон баррасӣ ёфтаанд.

Олимон – педагогҳо А.Е.Бабин, Л.Я.Зориева, А.И.Уман, К.М. Ушаков, Л.М.Фридман ва дигарон муҳимияти таълими тафриқавиро дар ҷараёни ташаккули фаъолияти ахлоқии хонандагон ва рушди самараноки ҷараёни таълиму тарбия қайд кардаанд.

Дар коркарди ҷанбаҳои алоҳидаи мундариҷаи таълим ва рушди назарияи дидактика олимон – педагогҳо И. Обидов, М. Лутфуллоев, Х. Буйдоқов, Х.А. Афзалов, У. Зубайдов, Ф. Шарифов, Қ.Б. Қодиров ва дигарон саҳми калон гузоштаанд.

Соли 1918 ду ҳуҷҷати асосӣ доир ба таҳсилоти хонандагон тасдиқ карда шуданд. Ин «Низомнома дар бораи муассисаи таҳсилоти ягонаи мtҳнатӣ, ки моҳи сентябри ҳамон сол аз тарафи Кумитаи Марказии Умумииттифоқӣ тасдиқ ёфт ва дар асоси он Комиссариати халқии маориф моҳи октябр ҳуҷҷати «Принсипҳои асосии муассисаи таҳсилоти ягона» – ро қабул кард, ки «Эъломияи муассисаи таҳсилоти ягонаи меҳнатӣ» ном дошт.

Муассисаҳои таҳсилоти Тоҷикистон мувофиқи ин ҳуҷҷат кор мекарданд. Дар эъломия зарурат ба рушди фаъолияти эҷодӣ ва мустақилиятнокии хонандагон дарҷ гардидааст. Таълим хусусияти умумитаҳсилотӣ дошт ва бо тамоми воситаҳои хеш ба рушди фаъолияти эҷодӣ ва мустақилиятнокии хонандагон бояд мусоидат менамуд.

Таҳлили муфассали рушди таълими тафриқавӣ нишон дод, ки он дар Аврупои Ғарбӣ ва Амрико пайравони худро дошта, то имрӯз дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилот амалӣ шуда, натиҷаи хуб медиҳад.

Ҳоло таълими равиявӣ яке аз самтҳои асосии азнавсозии муассисаи таҳсилот мебошад. Таълими тафриқавӣ ва равиявӣ дар амалигардонии низоми таълиму тарбия, рушди фардисозии таълим, муайянкунии қобилиятҳо, фаъолгардонии маърифати хонандагон, танзими сарбориҳои таълимӣ нақши муҳим мебозад.

Дар педагогикаи муосир мақсади тафриқагузории равиявӣ, мундариҷаи равиявӣ, мундариҷаи таълим бо касбисозии мақсаднок дар доираи майлу рағбатҳо, манфиатҳо, хоҳишҳо ва қобилиятҳои хонандагон бо мақсади рушди ҳадди аксари онҳо дар самти интихобшуда муайян мегардад.

Тафриқагузории равиявӣ дар таълими биология ба ошкорсозии пурраи шахсият, қобилиятҳо ва манфиатҳои озоди шахсии хонандагон, ба омодагии самараноки хонандагон ба идомаи минбаъдаи таълим аз рӯи ихтисоси интихобшуда, ба фаъолияти инфиродии касбӣ мусоидат менамояд.

**Дар зербоби дуюм** «Ташкили таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» масоили таълими равиявӣ ва тафриқавӣ баррасӣ шуда, ҳуҷҷатҳои асосӣ доир ба беҳгардонии кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) инъикос ёфта, таҷрибаи МТМУ мамолики хориҷӣ нишон дода шудааст.

10 ноябри соли 1966 КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС фармони № 847 «Дар бораи чораҳои беҳгардонии кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" – ро содир кард, ки дар он таълими тафриқавӣ муайян ва маълумотҳо дар бораи навъҳои тафриқагузорӣ пешниҳод карда шуданд.

29 декабри соли 1977 КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ фармонро «Дар бораи такмили тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти таҳсилоти умумӣ ва омодасозии онҳо ба меҳнат» зери №1111 содир кард. Дар асоси ин қарор ба ислоҳоти муассисаи таҳсилот, такмили омодасозии меҳнатӣ, омодасозӣ ба интихоби касб дар соҳаи истеҳсолот, масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва ғайра таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 1991 истиқлолияти миллиро эълон намуда, роҳи нави рушди худро пеш гирифт. Сарқонун (Конститутсия) – ро қабул карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди ҷомеаи демократӣ ва гузаронидани ислоҳотҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ оғоз намуд. Ба яке аз вазифаҳои асосии Тоҷикистони соҳибистиқлол ислоҳот дар соҳаи маориф мубаддал гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо олимон ва ходимони ҷамъиятӣ муҳимияти таҳсилотро эътироф карда, соли 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Консепсияи муассисаи таҳсилоти миллиро таҳия ва қабул кард. Дар онҳо мақсаду вазифаҳои таълим ва тарбия муайян гардидаанд.

Солҳои охир масъалаҳо доир ба беҳгардонии сифати дониши хонандагон зери назорати Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо қарор доранд.

Дар Консепсияи таҷдиди пурраи мундариҷаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷумла фанҳои биологӣ баррасӣ мегардад:

– таълими якҷояи гуногуни хонандагон бо мақсади омӯзиши ҷомеа ва табиат, танзими сарбориҳо;

– натиҷаҳои донишҳои гирифташуда дар асоси донишҳо, ҷараёнҳо, назарияҳо ва принсипҳои илмӣ – бунёдӣ;

– алоқа бо ҳаёт, таҷрибаи иҷтимоӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ ва меҳнатии хонандагон;

– вариантнокии васеи нақшаҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ;

Аз 1 сентябри соли 2002 дар тамоми муассисаҳои таҳсилотимамлакат нақшаҳои нави таълимӣ ҷорӣ карда шуда, бо фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз феврали соли 2002, № 5/28 тасдиқ шуданд. .

Дар Консепсияи муассисаи таҳсилоти миллӣ ба фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани сифати таълими умумии равиявӣ ва инфиродӣ дар асоси гуногунии муассисаҳои таълимӣ ва вариантнокии барномаҳои таълимӣ аҳамияти хосса дода мешавад. Барои ба даст овардани ин мақсад ҳамкории муассисаи таҳсилот бо сатҳи ибтидоӣ, миёна ва олии таълими касбӣ, дастгирии психологии ҷавонон, кӯмак дар интихоби касб, ошкор сохтани имкониятҳо барои ба даст овардани ин ё он касб зарур аст.

Вазифаи асосии таълими равиявӣ – омодасозии хонандагон барои дохилшавӣ ба МТОК мебошад. Таълими равиявӣ метавонад дар муассисаҳои таълимӣ, дар синфҳо, дар гурӯҳҳо ва ғайра амалӣ шавад.

Дар таҳқиқоти мо омӯзиши масъалаҳои таълими равиявӣ дар хориҷа аҳамияти калон дорад. Тавре ки дар боло зикр шуд, ташкили таълими равиявӣ дар Тоҷикистон бо Россия алоқаи зич дошта, то ҳол рушд меёбад. Зимни баррасии ин масъала диққати моро таҷрибаи таълими равиявӣ дар ИМА, Белгия, Дания, Олмон, Франсия, Руминия, Чехия, Полша, Венгрия ва ғайра ба худ ҷалб намуд.

Дар ИМА таълими тафриқавӣ дар синфҳои болоӣ (синфҳои 10 – 11) инъикоси пурраи худро меёбад. Фанҳои боқимонда чун фанҳои интихобӣ ва курсҳои факултативӣ омӯхта мешаванд.

Дар Белгия таълими ҳатмӣ аз синни шашсолагӣ дар муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ оғоз ва дар муассисаи таҳсилоти миёна (аз 12 то 18 – солагӣ) идома меёбад. Ҷавонон метавонанд, ин таҳсилоти миёнаро дар муассисаи таҳсилоти миёна, дар коллеҷҳои касбӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти техникӣ гиранд. Ҳамаи ин маълумотҳои таълимӣ то 3 – синфӣ доранд, таълим дар ҳар як синф 2 сол давом мекунад.

Омӯзиши биология дар муассисаҳои таҳсилоти Дания ба тартиби ҳатмӣ (аз синфи 1) аз рӯи 3 солагӣ амалӣ мегардад; табиати зинда, дониши ҳиссиёт ва тандурустӣ; хонандагон ва омӯзгорон метавонанд якҷоя маводеро интихоб кунанд, ки бештар ба мавзӯъ мувофиқ аст.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки таълими тафриқавӣ (равиявӣ) дар хориҷа низ мавҷуд буда, истифодаи ҷанбаҳои алоҳидаи он дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

**Дар зербоби сеюм:** «Принсипҳои таълими равиявӣ» принсипҳои таълимӣ равиявӣ, вазифаҳои курсҳои интихобӣ аз фанни биология, таснифоти онҳо, моҳияти фаъолияти инфиродии таълимӣ, таълими рушддиҳанда ошкор ва пешниҳод карда шудаанд.

Нақшаи таълимӣ появӣ барои синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ устувории таълими равиявиро талаб мекунад. Ин система бояд навъҳои таълими умумӣ, равиявӣ ва интихобиро ба ҳисоб ва дар бар гирад.

Чунин тартиб ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки ба хонандагон якчанд самти фанҳоро пешниҳод кунад, то ин ки хонандагон худашон самт (фанн) – и маъқулшудаашонро интихоб намояд. Дар нақшаи таълимии появӣ чунин фанҳо, мисли забон ва адабиёт, забони русӣ, забонҳои хориҷӣ, математика, таърих, тарбияи ҷисмонӣ, ҳуқуқи инсон, илмҳои инсоншиносӣ ва табиатшиносӣ фанҳои асосӣ мебошанд.

Фанҳои давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳатмӣ ҳисоб меёбад ва ҳар яке аз онҳо таълими мушаххаси касбиро талаб мекунад.

Математика, физика, химия, биология, экология фанҳои самти физикӣ – математикӣ ҳисоб меёбанд.

Фанҳои интихобӣ бояд мундариҷаи курси равиявиро пурра созанд (масалан, курси самти биологиро васеъ ва пурра созанд), мундариҷаи яке аз курсҳои базавиро рушд диҳад.

Вазифаи асосии курсҳои интихобӣ «дастгирӣ»–и курсҳои равиявӣ дар сатҳи стандартӣ мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти илмии худ, бо такя ба хулосаи баъзе муҳаққиқон, ки курсҳои интихобӣ (элективӣ) – ро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд, мо онро дастгирӣ менамоем, ки:

– курсҳои интихобӣ, ки таъйиноти махсус надоранд, ба васеъшавии ҷаҳонбинӣ, қобилиятҳо ва ҷаҳонбинии ахлоқии хонандагон кӯмак мерасонанд. Онҳо метавонанд бо курси интихобии хонандагон алоқаманд бошанд;

– курсҳои интихобии таъйиноти махсусдошта (курсҳои таълимии махсус, практикумҳои махсус), ки ба таълими махсуси дохилиравиявӣ нигаронида шудаанд.

Курсҳои махсуси таълимии интихобӣ курсҳо доир ба омӯзиши мушаххаси бобҳо ва мавзӯъҳои барномаи таълимӣ мебошанд, ки барои бартарафсозии кмбудиҳо дар дониш, ки дар ҷараёни таълим дар курсҳои интихобӣ пайдо шудаанд, ҷорӣ гардидаанд. Практикумҳои махсус барои дар хонандагон ташаккул додани қобилиятҳо ва малакаҳои барои кори таҳқиқотӣ дар соҳаи биология зарур ташкил карда мешаванд масалан, ҳосилкунии малакаҳои таҳқиқоти масоили умумиилмӣ ва вазифаҳои биологӣ, иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва ғ.).

Таълими равиявии биология ин низоми таълим барои рушди қобилияту манфиатхои хонанда, фаъолияти касбӣ ва дохилшавӣ ба МТКО мебошад. Фанҳои равиявӣ чунин фанҳое мебошанд, ки аҳамияти касбӣ, шахсӣ ва иҷтимоӣ доранд. Курсҳои появӣ бояд рушди яктарафаи қобилияту манфиатҳои

хонандагонро бартараф созанд; курсҳои равиявӣ бо мақсади амалигардонии омодагии махсуси хонандагон бо назардошти манфиату хоҳишҳои онҳо дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ ташкил карда мешаванд.

Зимни муайянкунии асосҳои назариявии таълими равиявии биология принсипҳои асоси таълим ба 2 гуруҳ: принсипҳое, ки мундариҷаи курси биологияро ташаккул медиҳанд, ва принсипҳои ташкили ҷараёни таълими равиявии биология тақсим мешаванд.

Ба принсипҳои ташаккули мундариҷаи курси биология принсипҳои: инсонизозӣ, принсипи илмӣ – таърихӣ, тафриқаи равиявӣ, донишҳои амалии биологӣ, алоқаи касбӣ – техникӣ мансубанд.

Ба принсипҳои ташкили ҷараёни таълими соҳавии биология мо принсипҳои: фардисозӣ, ягонагии фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ, таълими ҷараёнҳои проблемавӣ, таълими гуфтугӯ, ягонагии таълими дастаҷамъӣ ва инфиродӣ, фаъолнокии эҷодии хонандагон, маҳсулнокӣ, мустақилиятнокӣ, қонеъгардонии талаботҳо ва шароитҳои ахлоқии хонандагонро дохил кардем.

Фаъолияти инфиродии таълимӣ дар таълими рушддиҳанда чун асос хизмат мекунад. Барои дидактика инкишофи зеҳнии кӯдак аҳамияти калон дорад. Сатҳи якум рушди актуалӣ буда, ҳамчун ҳаҷм ва сатҳи таълим қобилиятҳои иҷрои мустақилонаи масъалаҳоро ташаккул медиҳад. Сатҳи дуюм – “Минтақаи наздиктарини рушд, ки дар он номувофиқатӣ байни сатҳи ҳаллу фасли масъалаҳои имконпазир дар фаъолияти мустақилона ба вуҷуд меояд, ки дар ҳамкорӣ” бо калонсолон, дар роҳбари ва кумаки онҳо зарур мебошад.

Дар педагогика якчанд консепсияи таълими инкишофдиҳанда мавҷуд аст. Тамоми консепсияҳоро ба ду гуруҳ тақсим кардан мумкин аст.

1) консепсияе, ки ба рушди равонии (конспесияи рушди вазифаи равонӣ, асосан зеҳнӣ) хонандагон бо мақсади рушди психологияи умумӣ, рушди эҷодии шуур ё ташаккули шуур нигаронида шудааст;

2) консепсияи баҳисобгирии рушди шахсият (консепсияи рушди таълимӣ).

Дар ҳамкорӣ бо хонанда се вижагии муҳимро қайд кардан мумкин аст.

1. Ҳамкории номутаносуб. Ҳангоми таълим хонандагон бояд як қатор амалиётҳои фикрӣ (математикӣ, забонӣ, адабӣ ва ҳоказо) – ро аз худ кунанд, ки дар он тақлид имконнопазир аст.

Вазифаи омӯзгор ҳавасманд ва дуруст равона кардани хонанда ба ҷустуҷӯи мустақилона мебошад.

Бинобар ин зимни ҳамкории омӯзгор бо хонанда ҳамеша номувофиқатӣ дар амалиётҳо ҷой дорад.

2. Фаъолиятнокии ахлоқии кӯдак. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷараёни таълим хонанда ҳамеша фаъол мебошад, ӯ мефаҳмад, ки барояш чӣ лозим аст,

аммо то охир намефаҳмад. Барои фаҳмидани саволу масъалаҳои таълимӣ хонанда ба ҳамсолон ё омӯзгор рӯ меорад.

3. Муроҷиат бо талаби донишҳои нави мушаххас. Дар ҳолати надонистан, , вақте, ки вазифаи нави гузошташударо иҷро карда наметавонад, хонанда ба омӯзгор ё ҳамсолонаш бо мушкилоти худ муорҷиат мекунад. Хонанда масъалаи пайдошударо таҳлил ва чизи нофаҳморо ҷудо карда, дар назди худ масъалаҳои нави таълимиро мегузорад; "Инро ман иҷро карда метавонам, агар ин ё онро донам". Баъд аз ин ӯ дар назди омӯзгорону ҳамсолонаш вазифа мегузорад.

**Боби дуюм. "Озмоиши самаранокии технологияи таълими равиявии (соҳаи) биология дар синфҳои 10 ва 11"** аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якум** ҳолати таълими равиявии биологӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ мегардад.

Барои муайянкунии самаранокии технологияи интихобшуда таҷрибаи озмоишӣ гузаронида шуд. Пеш аз оғози озмоиши доир ба ташаккули технологияи самаранок савол дар бораи он пайдо шуд, ки: омӯзгорони биологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) дар бораи таълими равиявии биология то кадом дараҷа тасаввурот доранд. Бинобар ин, зарурат ба гузаронидани тасдиқи таҷрибавии ин технология ба миён омад.

Дар давраи тасдиқ доир ба масъалаи таълими равиявии биология дар миёни 62 омӯзгори биология аз МТМУ – ҳои гуногуни вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсиш гузаронида шуд. Мақсади пурсиш аз муайянкунии мафҳумҳои таълимӣ равиявӣ ва қиёсӣ онҳо бо мафҳумҳои аниқи биологӣ иборат буд.

Дар рафти пурсиш ба омӯзгорон саволҳои зерин пешниҳоде карда шуданд:

Ба саволи: Моҳияти таълими равиявии биология дар чист? 8%–и омӯзгорони посухдиҳанда ҷавоб доданд, ки ин омӯзиши пурра ва амиқи як ё якчанд бобҳои биология (атом, генетика, ҳайвонотшиносӣ, бемӯҳрадорҳо ва ғ.) мебошад; 12% омӯзгорон чунин меҳисобанд, ки ин "омӯзиши амиқи фан ва ҷанбаҳои амалии он, ки ба интихоби касби оянда, пайдоиши малакаҳои одитарини касбӣ кӯмак мерасонанд", мебошад; 22%–и посухдиҳандагон фикр мекунанд, ки таълими равиявӣ – ин "омодагӣ барои дохилшавӣ ба МТОК, ба интихоби касби оянда" мебошад; 3% ҳисоб мекунад, ки таълими равиявӣ – ин "омӯзиши маҷмӯи фанҳоест, ки барои соҳаи муайяни таълим заруранд"; 20%–и посухдиҳандагон ҷавоб доданд, ки дар ин бора чизеро намедонанд.

Ҷавобҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, гуфтан мумкин аст, ки омӯзгорони биологияи вилояти Хатлон таълими равиявиро ҳамчун омӯзиши дақиқу амиқи як ё якчанд фанҳо, масъалаҳои алоҳидаи илм, ки аҳамияти амалӣ дошта, дар интихоби касби оянда ва дохилшавӣ ба МТОК кӯмак мерасонанд, меҳисобанд (расми 1).




*Расми 1. Диаграммаи ҷавобҳои омӯзгорон ба савол: Моҳияти таълими равиявии биология аз чӣ иборат аст.*

Ба ақидаи омӯзгорон, таълими равиявӣ омӯзиши пурраи биология ё якчанд фанҳои табиӣ буда, хонандагонро ба интихоби касб омода месозад. Омӯзгорон бояд хонандагонро ба касбҳои гуногуне, ки бо биология алоқамандад, шинос кунанд ва омӯзиши мушаххаси курсҳои алоҳида – ботаника, зоология, анатомия, физиологияи инсон, инчунин интихоби касби ояндаро аз рӯи майлу рағбат таъмин намоянд.

Омӯзгорон маърӯза ва озмоишро шакли асосии таълими равиявӣ меҳисобанд ва ба фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагон камтар аҳамият медиҳанд.

Омӯзгорон қайд мекунанд, ки пояи моддию техникӣ дар айни замон ба талаботҳои стандартии таълими муассисаи таҳсилоти муосир мутобиқат намекунад.

Натиҷаҳои пурсиши хонандагон нишон доданд, ки хонандагон таълими равиявиро хеле хуб қабул мекунанд ва чунин меҳисобанд, ки ин навъи таълим ба онҳо барои дохилшавӣ ба МТОК кӯмак мерасонад, чунки онҳо ҳанӯз дар синфи 9 касби ояндаи худро муайян кардаанд. Зимни омодагӣ ба машғулиятҳо хонандагон аз адабиёти иловагӣ, асосан аз китоби дарсӣ ва интернет, кам истифода мебаранд

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки омӯзгорон бояд хонандагонро ба кори мустақилона ба иҷрои масоили эҷодӣ, ба ҳаллу фасли масъалаҳои биологӣ ба иҷрои корҳои озмоишӣ ва амалӣ ҷалб намоянд: Ба омӯзгорон зарур аст, ки бештар аз технологияи проблемавӣ, ки таълимро инкишоф медиҳад, аз технологияи якчояи таълим ва таълими равиявӣ истифода бурда, ба васеъсозии мавзӯъҳои курсҳои интихобӣ, такмили мазмун ва методҳои таълим таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

**Дар зербоби дуюм** намунаи технологияи таълими равиявӣ (соҳаи биология) барои синфҳои 10-11 баррасӣ шуда, алгоритми гузаронидани таҳқиқот ва натиҷаҳои таълими равиявии биология пешниҳод гардидаанд.

Амсилаи технологияи таълими равиявии биология тамоми низоми методиро инъикос менамояд. Сохти устувор шарти асосӣ ва нишонаи фарқкунандаи тамоми низом мебошад. Технологияи таълими равиявии биология зернизоми методикаи таълими биология дар МТМУ мебошад.

Муносибати низомӣ ба методика ба муайянкунии қисмҳо ва алоқаи байни онҳо, на танҳо барои фарқ кардани ин ё он низом, балки инчунин барои тағйири таъсири мутақобилаи он, барои рушди он дар маҷмӯъ имкон медиҳад.

Муносибати дигари методологӣ, ки асоси таҳқиқоти моро ташкил медиҳад, муносибати куллӣ мебошад, ки дар низоми педагогӣ як намуди тақсимот аз рӯи вариантҳо дар омӯзишу ташаккул буда, дар низом ба сифати устуворӣ ва муносибати тағйирёбанда, якумӣ ва дуюмӣ, хизмат мекунад.

Муносибат ба шахсият, чун муносибати методологии таҳқиқоти мо, моҳияти иҷтимоӣ, фаъолиятӣ ва эҷодии шахсиятро исбот менамоянд.

Риояи ягонагии нақшаву барномаи таълимӣ ба бартарафсозии номувофиқатӣ байни ягонагии мундариҷаи таълим ва баъзе тамоюлҳое, ки аз сабаби талаботи инфиродӣ ва хусусиятҳои хоси хонанда ба вуҷуд омадаанд, мусоидат мекунад.

Шарти ҳатмии муваффақиятнокии технология вазифанокии он мебошад. Мо дар технологияи таълими равиявии биология вазифаҳои: ҷаҳонбинӣ, тарбиявӣ, рушддиҳанда, иҷтимоӣ, ҳамгироӣ, интихоби касбро ҷудо кардем.

Барои таҳияи технологияи таълими равиявии биология тарҳрезии амсилаи назариявие, ки дар бораи муайянкунии ҷанбаву аломатҳои гуногуни технология, алоқаву моҳияти онҳо маълумот медиҳад, мувофиқи мақсад аст.

Тарафҳои асосии амсилаи технологияи таълими равиявии биология мақсад, лоиҳавӣ будан, мазмундорӣ, просессуалӣ будан ва салоҳиятнокии натиҷанокӣ мебошанд.

Дар асоси синтези таълими биология ва равиявӣ аз ҷониби мо мақсадҳои зерини таълими равиявӣ: дар хонандагон ташаккул додани донишҳо дар асоси биологияи муосир; таъмини дарки моҳият, рушд ва пайдоиши ҳаёт дар сатҳҳои гуногун ва ташкили онҳо; шинос кардани хонандагон бо таърихи методу таҳқиқотҳои биологӣ; ташаккули донишҳои касбӣ, ки дар илми биология муҳимманд; қобилиятҳои муайянкунии нақши инсон дар табиат дар асоси дарки қонунҳо ва рушди онҳо; дар хонандагон тарбия кардани эҳтиром ба шахсият ва меҳнати касбӣ; рушди қобилиятҳои муҳимми зеҳнӣ барои идома додани таълим ва худомӯзӣ муайян карда шуданд.

Дар ин асос алгоритми зерини гузаронидани таҳқикот пешниҳод карда шуд: шиносоӣ бо адабиёт, муайянкунӣ ва гузориши масъала, муайянкунии масъалаҳои номаълум, ки фарзияро ташкил медиҳанд, ба нақшагирӣ ва кормандӣ амалиётҳои таълимӣ, ҷамъоварии маълумотҳо, таҳлил ва синтези маълумотҳои ҷамъовардашуда, хулосаҳои фикрӣ, танзими иттилоот, баромад бо иттилооти тайёршуда, санҷиши дуюми натиҷаҳо, тартибдиҳии рӯйхати саволу ҷавобҳо доир ба таҳқиқоти мазкур, санҷиши фарзия, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, тартибдиҳии хулосаи ниҳоӣ.

Натиҷаҳои асосии таълимӣ равиявии биология, тибқи технологияи таҳияшуда, инҳоянд:

Ташаккули донишҳо дар бораи асосҳои илми муосири биология, ки тибқи равия интихоб гардидааст, донистани таърихи инкишофи биология барои омӯзиши низомҳои биологӣ, ки сатҳҳои гуногун доранд: дарки қонунҳои табиату асоснокии қонуниятҳои умумибиологӣ: сатҳи баланди рушди қобилиятҳо барои ёфтани иттилооти зарурӣ: таҳлил, намоиши қобилиятҳои ахлоқӣ (мушоҳида, таҷарруд (абстраксия), ҷамъбасткунӣ ва ғ.): маҳорати кор кардан бо низомҳои зинда ва асбобҳои техникӣ: маҳорати фарқ кардани мафҳумҳои биологӣ: ташаккули қобилиятҳои интихоби касб байни касбҳои гуногуни биологӣ.

Истифодаи дурусти технологияи таълими равиявии биология дар синфҳои 10-11 зимни ташаккули шахсияти ҳаматарафаи хонанда ва интихоби касби оянда кӯмак мерасонад.

**Дар зербоби сеюм** натиҷаҳои озмоиши технологияи таълими равиявӣ (соҳаи биология) дар синфҳои 10-11 пешниҳод шудаанд.

Технологияи таълими биология дар доираи таълими равиявӣ, бо назардошти асосҳои методологӣ ва назариявии таълими равиявии биология, ки дар асоси таҳқиқи назариявӣ асоснок карда шудааст, ташкил гардид. Ҳангоми таҳияи технологияи таълимӣ равиявии биология таваҷҷуҳи асосӣ ба интихоби мазмуни таълимӣ равиявӣ зоҳир карда шуда, амсилаи сохтори мундариҷаи мавзӯъҳо (бобҳо) дар курси самти биология таҳия карда шуд.

Дар вақти таҳияи мавзӯъҳо ва нақшаи таълимӣ курси таълими равиявии биология дар синфҳои 10-11 қисми мундариҷавии он ба 4 – блок: назариявӣ, амалиявӣ, эҷодӣ ва иловагӣ тақсим карда шуд.

Дар озмоише, ки солҳои 2015-2016 гузаронида шуд, 313 хонанда аз ҷумла дар гурӯҳи озмоишӣ – 151 нафар, дар гурӯҳи назоратӣ – 162 нафар, инчунин омӯзгорони МТМУ №№ 1,4 ва 5 – и шаҳри Бохтар иштирок карданд.

Мо самаранокии таълими равиявии биологияро аз рӯи якчанд ҷанба: яклухтӣ ва устувории донишҳои азхудшудаи биологӣ: пуррагии иҷрои амалиётҳо ва қобилиятҳои ташаккулёфта: ташаккули дониши хонандагон дар

бораи касбҳои биологӣ: рушди майлу рағбатҳои касбӣ ба биология ва ихтисосҳои биологӣ мавриди санҷиш қарор додем.

Зимни арзёбии натиҷаҳои таълими озмоишӣ ба сифати меъёрҳои азхудкунии донишҳо мо аз асарҳои В.П.Беспалко, ки чор сатҳи азхудкунии донишҳоро пешниҳод менамояд, истифода бурдем.

Барои арзубии ташаккули қобилиятҳо мо аз методикаи А.В.Усова, ки асоси онро меъёрӣ иҷрои пурраи амалҳо ва муваффақиятнокии рушди қобилиятҳо ташкил медиҳад, истифода бурдем. Зимни муайянкунии сатҳи ташаккули донишҳои хонандагон дар бораи касбҳои соҳаи биология ва рушди майлу рағбатҳо ба касбҳои биологӣ мо аз технологияи пешниҳодкардаи Н.В.Малиновская истифода бурдем.

Дар синфи 11 мо азхудкунии пуррагии мафҳумҳоро аз тарафи хонандагон аз рӯи мавзӯҳои “Асосҳои генетика”, “Таълимот дар бораи таҳаввулот” санҷида баромадем. Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар ҷадвали № 1 пешниҳод гардид ва аз он аён аст, ки нишондиҳандаҳои синфи озмоишӣ аз рӯи азхудкунии мафҳумҳои генетикӣ ва дарки таълимот дар бораи таҳаввулот дар қиёс бо синфи назоратӣ хеле баланд мебошад. Барои исботи ин маълумот, мо пурсиши такрории хонандагонро аз рӯи мавзӯъҳои зикршуда, яъне: “Асосҳои генетика”, “Таълимот дар бораи таҳаввулот” гузаронидем. Натиҷаҳои таҳқиқот афзоиши донишҳо, зимнан дар синфҳои озмоишӣ нишондиҳандаҳои баландтарро нишон доданд.

Барои муайянкунии дақиқии натиҷаҳои корӣ назоратӣ мо коркарди омории натиҷаҳои бадастомадаро аз рӯи меъёрҳои омории зерин гузаронидем: N – миқдори хонандагон: X – коэффисенти миёнаи арифметикии сатҳи азхудкунии донишҳо: Мд – ҳисоби миёнаи квадрати дуршавӣ аз меъёр; 5 – коэффитсенти вариантҳо (баҳисобгирии вариантҳо). Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷадвали 2 пешниҳод шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Натиҷаҳои азхудкунии донишҳои хонандагони синфи 11 (озмоишӣ ва назоратӣ) аз рӯи мавзӯъҳои «Асосҳои генетика» ва «Таълимот дар бораи таҳаввулот»**

| супоришҳо | Синф | Миқдори хонандагон | Сатҳи азхудкунии донишҳо (бо %) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1 | о | 56 | 1.1 | 8.4 | 35.9 | 39.3 | 14.2 |
| | н | 54 | 6.1 | 12.3 | 49.5 | 28.3 | 2.3 |
| 2 | о | 56 | 1.2 | 10.3 | 45.3 | 32.5 | 10.8 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | н | 54 | 6.3 | 13.6 | 48.5 | 27.2 | 1.4 |
| 3 | о | 56 | 2.8 | 14.1 | 44.3 | 35.8 | 4.8 |
| | н | 54 | 10.3 | 26.1 | 10.8 | 10.8 | 0.5 |

**Ҷадвали 2.**

**Натиҷаҳои коркарди омории маълумотҳо доир ба азхудкунии донишҳои хонандагони синфи 11 аз рӯи мавзӯҳои «Асосҳои генетика», «Таълимот дар бораи таҳаввулот».**

| **Буриши назоратӣ** | **Синфҳо** | **Нишондодҳои оморӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | N | X | μg1 | μg2 | V |
| 1 | о | 56 | 2,41 | 0,83 | 0,72 | 35,60 |
| | н | 54 | 2,02 | 0,85 | 0,74 | 41,36 |
| 2 | о | 56 | 2,41 | 0,77 | 0,61 | 32,04 |
| | н | 54 | 1,58 | 0,78 | 0,63 | 49,04 |
| о – синфи озмоишӣ; н – синфи назоратӣ | | | | | | |

Муқоисаи бузургиҳои коэффитсиентҳои сатҳи азхудкунии донишҳо ва тағйирёбии коэффитсиентҳо дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ нишон дод, ки дониши хонандагони синфҳои озмоишӣ, назар ба назоратӣ, мутобиқан, $X_э > X_к$ баландтар аст.

Дар ҷараёни озмоишӣ номгӯйи қобилиятҳои амалии рушди хонандагон дар таълими равиявии биология муайян карда шуд.

Муваффақиятнокии методика (технология) аз рӯи се нишондиҳанда (аз рӯи осори А.В.Усова) муайян карда шуд.

1. Коэффитсиенти пуррагии иҷрои амалиётҳо бо миқдори муайяни хонандагон аз рӯи формулаи: $N_K = \frac{i-1}{n \cdot N}$, ки дар он: i –миқдори амалиётҳое, ки хонанда иҷро кардааст, n – миқдори ҳадди аксари амалиётҳо мебошанд.

2. Коэффитсиенти муваффақиятнокии рушди қобилиятҳо аз рӯи фомулаи: $V = \frac{k_2}{k_1}$, ки дар он: $k_1$ – коэффитсиенти пуррагии буриши аввал, $к_2$ – коэффитсиенти пуррагии буриши охирин мебошанд.

3. Коэффитсиенти умумии муваффақиятнокии рушди қобилиятҳо аз рӯи формулаи: $V = Mo + Mн$, ки дар он $У_Э$ ва $У_К$ – коэффитсиентҳои муваффақиятнокии синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ мебошанд.

Дар синфи 11 бо мақсади таҳлили чунин қобилиятҳои хонандагон, ба мисли: маҳорати фаҳмидан ва муқоиса кардани фенотипҳо, ташкили қаторҳои хатҳои вариатсионӣ (тағйирёбанда), тағйирёотҳои модификатсионӣ, усулҳои разёбии плазмолиз, ароморфози растаниҳо ва идиомутобиқшавӣ

(азнавмутобиқшавӣ) дар ҳайвонот кори озмоишгоҳӣ гузаронида шуд. Натиҷаҳои корӣ лабораторӣ дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.**

**Коэффитсиентҳои муваффақиятнокии рушди қобилиятҳо (М) дар синфи 11**

| Синфи 11 | Сатҳи азхудкунии донишҳо (%) | | | | | | Коэффитсиенти муваффақиятнокии рушди маҳоратҳо (М) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | |
| О | 0,52 | 0,57 | 0,61 | 0,71 | 0,97 | 1,59 | 1,61 |
| Н | 0,44 | 0,51 | 0,52 | 0,57 | 0,58 | 0,59 | 1,26 |

Аз ҷадвали 3 дида мешавад, ки сатҳи азхудкунии донишҳо дар синфи озмоишӣ баландтар мебошад. Дар асоси маълумотҳои бадастомада ва ҷадвали 3 диаграммаи муваффақиятнокии рушди қобилиятҳои хонандагони синфи 11 (расми 2) сохта шуд ва аз он аён мегардад, ки ҷараёни азхудкунии донишҳо дар синфи озмоишӣ, назар ба синфи назоратӣ, тезтар сурат мегирад.




*Расми 2. Диаграммаи муваффақиятнокии рушди қобилиятҳои хонандагони синфи 11.*

Натиҷаҳои муваффақиятнокӣ ва пуррагии иҷрои амалиётҳои хонандагони синфҳои 10 – 11 озмоиширо муқоиса карда, дидан мумкин аст, ки дар синфи 11 ин нишондиҳандаҳо назар ба синфи 10 баландтар аст, ки бо сатҳи ташаккули қобилиятҳои хонандагони синфҳои равиявӣ алоқаманд аст.

Аз рӯи натиҷаҳои таълими озмоишӣ ба чуни натиҷа омадан мумкин аст, ки методикаи таълими равиявии биология самараноктар буда, онро дар доираи фанҳои табиатшиносӣ (самтиравияи физикӣ – математикӣ) дар ҳамаи намудҳои муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда имкон доданд, ки **хулосаҳои** зерин бароварда шаванд:

1. Таълими равиявӣ таърихи қадима дорад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон, ба мисли ҷумҳуриҳои дигари Собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, мақсадҳоҷ ва намудҳои таълими равиявӣ соли 1966 муайян карда шуда буданд. Таълими равиявии тафриқавӣ дар низоми МТМУ аз соли 1988 рушд меёбад.

2. Асоси таълими равиявиро таълими тафриқавӣ аз рӯи майлу рағбати хонандагон ташкил медиҳад. Қисми ҷудонашавандаи таълими равиявӣ бояд таълими мушаххас дар курсҳои равиявӣ бошад, ки самти курс, ташкили курсҳои элективӣ, истифодаи методҳои иҷтимоии таълим ва воситаҳои методӣ, инчунин ҷорӣ кардани технологияҳои нави таълимро муайян мекунанд.

3. Шиносоӣ бо ташкили таълими равиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти Британияи Кабир, ИМА, Белгия, Олмон муайян кард, ки таълими тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти хориҷӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд, вале бо роҳҳои гуногун татбиқ мешавад. Масалан, онҳо аз ҳисоби интихоби чархаи (сикли) илмҳои физикӣ – математикӣ ва инсоншиносӣ, фанҳое, ки аз ҳисоби онҳо хонандагонро барои дохилшавӣ ба МТОК омода месозанд, аз ҳисоби гурӯҳҳои таълимӣ, ки хонандагон сатҳи гуногуни донишу қобилиятҳоро доранд, инчунин аз ҳисоби омӯзиши мушаххаси якчанд фан ё чархаи фанҳо ташкил карда мешаванд.

4. Принсипҳои ташкили таълими равиявии биология: фардисозӣ, ягонагии фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ, таълими масъалавӣ, таълими муколама, ягонагии фаъолияти дастаҷамъона ва инфиродии хонандагон, фаъолияти фаъолноки хонандагон, мустақилиятнокӣ, қонеъгардонии талабот ва ангезаҳои ахлоқии хонандагон мебошанд.

5. Натиҷаҳои таълими озмоишӣ нишон доданд, ки қисми бештари омӯзгорони биологияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моҳияти таълими равиявӣ тасаввуроти умумӣ доранд, аммо байни таълими равиявӣ ва омӯзиши мушаххаси фанҳои алоҳида фарқро надида, методикаи анъанавии таълими биологияро ҷонибдорӣ мекунанд.

6. Таълим аз рӯи ҳамаи мавзӯъҳои курси биологияи умумӣ бояд дар шароити таълими равиявӣ дар атрофи назарияҳои асосӣ доир ба фанни биология (консепсияҳои ҳуҷайравӣ, хромосомӣ, ирсӣ, таҳаввулотӣ, экологӣ) ташкил карда шавад. Хонандагонро бо нуқтаҳои назари олимон, бо объектҳои мавриди омӯзиш, бо асосҳо ва моҳияти назарияҳо шинос намуда, роҳҳои татбиқи барномаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳоро нишон додан зарур аст.

7. Нақшаҳои тематикӣ ва таълимӣ аз 4 қисм: назариявӣ, амалӣ, эҷодӣ ва иловагӣ иборат аст. Ин талаботи принсипҳои таълими равиявӣ ва хусусияти хоси шакли ташкил мебошад, ки дар навъҳои гуногуни дарсҳо: семинарҳо,

маърӯзаҳои масъалавӣ, дарсҳо бо нишонаҳои суҳбати эвристикӣ; мубоҳисаҳо, мизи мудаввар, практикумҳо, машғулиятҳои омехта, бозиҳои таълимӣ зоҳир мегардад. Барои ба даст овардани мақсадҳои таълими равиявии биология корҳои эҷодии хонагӣ бо унсурҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, инчунин корҳои беруназсинфӣ (хониши адабиёти илмӣ – мавзӯӣ, конференсияҳои илмӣ, ҷамъияти илмии хонандагон аз фанни биология), гузаронидани экскурсияҳо ба табиат аҳамияти калон доранд.

8. Таълими равиявии биология низоми таълимиест, ки ба рушди қобилиятҳои ахлоқии хонандагон, майлу рағбатҳои онҳо ба фаъолияти касбӣ, ба интихоби МТОК барои идомаи таҳсил нигаронида шудааст. Таълими равиявии биология, чун низом, тарафҳо ва вазифаҳои худро дорад. Қисмҳои асосии амсилаи технологияи таълими равиявии биология: пуррагӣ, лоиҳавӣ будан, мазмундор юудан, просессуалӣ будан, антиҷонӣк мебошанд. Зимни тарҳрезии технологияи таълими равиявии биология мо ба қонуниятҳои зерини педагогӣ: вобастагии мундариҷа, мақсаду вазифаҳои таълим, ягонагии мундариҷа ва тарафҳои таълими прсессуалӣ, таҷрибаи муҳаққиқони дигар такя кардем.

9. Зимни коркарди технологияи таълими равиявии биология мо вазифаҳои иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ, тарбиявӣ, инкишофдиҳанда, ҳамгироӣ, инчунин масъалаҳоро доир ба интихоби касб ҷудо кардем.

10. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ нишон доданд, ки технологияи таълими равиявии биология самаранок буда, онро дар доираи самти физикӣ – математикӣ (химия – биология, биология ва география), дар зинаҳои олии ҳамаи намудҳои МТМУ истифода бурдан мумкин аст.

Барои беҳгардонӣ ва баланд бардоштани сатҳи таълими равиявии биология **тавсияҳои** зерин пешниҳод мешаванд:

– омӯзгорон бояд дар дарсҳои худ аз усулҳои фаъолӣ таълим, маводҳои дидактикӣ истифода баранд, то ин ки дарсҳо гуногуну шавқовар гузаранд, хоҳиш ва майлу рағбатҳои хонандагон, ки ба такмили донишҳо дар муассисаи таҳсилот мусоидат менамоянд, фаъол гардонида шаванд;

– бояд зикр намуд, ки муавффақиятнокии таълим, азхудкунии донишҳо ва қобилиятҳои хонандагон то дараыаи зиёд аз сатҳи омодагии касбии омӯзгорони фаннӣ (фанҳои биология ва ғ.), такмили қобилияту малакаҳои онҳо вобастааст. Яке аз сабабҳои ташкили заифи таълими равиявӣ дар МТМУ бо омодасозии заифи кадрҳои дар МТОК марбут буда, кафедраҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ ин мушкилотро бояд ҳалу фасл намоянд;

– қобили қайд аст, ки дар шароити таълими равиявӣ дар хонандагон майлу рағбат ва хоҳишот ба дониш ба вуҷуд омада, дар раванди таълим онҳо

мустаҳкамтару пурзӯртар мешаванд. Барои хонандагон ташкил кардани курсҳои появӣ мувофиқи мақсад мебошад;

– таҳияи барномаи рушди муассисаҳои таҳсилот бо назардошти хусусиятҳо ва маниторинги дастрасии иттилоот, ки ба рушди раванди таълиму тарбия дар шароити таълими равиявии биология мусоидат менамояд;

– вақти он расидааст, ки дар Ҷумҳурӣ вариантҳои гуногуни нақшаву барномаҳои таълими алтернативӣ бо мақсади таълими равиявӣ, инкишофи мушаххасу ҳаматарафаи фанҳои таълимӣ бо интихоби ихтисоси хонандагон барои дохилшавӣ ба МТОК ва муассисаҳои дигари таҳсилоти миёнаи касбӣ ва техникумҳо таҳия карда шаванд;

– зарур аст, ки муносибати омӯзгорон, методистҳо, директорҳои МТМУ ва муовинони онҳо бо таълими равиявӣ тағйир дода шавад, зеро, аз як тараф, аксари омӯзгорон дар таълими равиявӣ имкониятҳои навро дар таълими босифат мебинанд, аз тарафи дигар, онҳо бо баъзе мушкилот дучор омада, аз ташкили таълими равиявӣ даст мекашанд;

– меъёрҳои интихоби мазмуни таҳсилот бояд ба талаботу қобилиятҳои хонандагон ҷавобгӯ буда, ба талаботҳои ҷомеа ва стандартҳои ҷаҳонии маориф мувофиқат кунанд;

– дар кафедраҳои методикаи донишгоҳҳо, ки омӯзгорони ояндаро омода месозанд, нақшаи методикаи махсуси омодасозии донишҷӯёнро барои кор аз рӯи самтҳои гуногун дар асоси курсҳои мувофиқ татбиқ кардан мумкин аст. Ин масъала, инчунин, бояд зимни омӯзиши илмҳои психологӣ, педагогӣ, химиявӣ – биологӣ, физикӣ – математикӣ ва ҷамъиятӣ – инсоншиносӣ ба ҳисоб гирифта шавад;

– мураттабсозии саволҳои биологӣ бо назардошти самтҳо, таҳияи таҷрибаҳо ва корҳои озмоишӣ аз фанни биология, истифодаи онҳо бо назардошти хусусиятҳои синфҳои гуногун зарур аст;

– омӯзгорони биология бояд малакаҳои муайяни методиро доир ба ошкор сохтани хусусиятҳои психологӣ – физиологии синфҳои самтҳои гуногун ва майлу рағбатҳои хонандагонро бо ёрии гузаронидани тестҳо азхуд кунанд;

– барои таълими бомуваффақияти равиявии биология гузаронидани таҳқиқотҳои педагогӣ дар синфҳои самтҳои гуногундошта, истифодабарӣ аз таҷрибаи пешқадам, курсҳои такмили ихтисос, ВАО, интернет ва ғайраҳо зарур аст.

## II. МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ РИСОЛА ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА -и Ҷумҳурии Тоҷикистони дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расидаанд:**

1. **Расулов С.П.** Пинсипҳои асосии таълими равиявӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 3/7. – Душанбе, 2017. С. 257-260. (бо забони русӣ).
2. **Расулов С.П.** Асосҳои назариявӣ – методологии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғон–Теппаи ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2018. №1/2(53). С. 78-84.
3. **Расулов С.П.** Таҳлили проблемаи фаъолгардонии маърифати мустақилонаи шахсият // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғон–Теппаи ба номи Носири Хусрав. №1/1(51). – Бохтар, 2018. С. 68 – 74.
4. **Расулов С.П.** Фардисозӣ ва тафриқасозии таълими равиявиии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №1. – Душанбе, 2018. С. 268-269. (бо забони русӣ)
5. **Расулов С.П.** Амсилаи технологияи таълими равиявии биология дар шароити озмоиши педагогӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтари ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2018. №1/3(55). С. 142-146. (бо забони русӣ).

## АННОТАТСИЯ

ба автореферат ва диссертатсияи **Расулов Сорбона Пирмадович** дар мавзӯи «**Заминаи методии таълими равиявии биология дар 10-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси: 13.00.02 – назария ва усулҳои омузишу парвариш (биология).

**Калидвожаҳо:** асосҳои методӣ, ташаккули усули тафаккури илмӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон, таълими химия, фалсафа, равоншиносӣ, педагогика, категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ, технология, вазифаҳо ва имкониятҳои дидактикӣ, категорияҳои фалсафӣ, тафаккури эҷодӣ, дониши химиявӣ, кори таҳқиқотӣ.

**Объекти таҳқиқот:** – раванди таълими равиявии соҳаи химия ва биология барои хонандагони синфҳои болоии (10 ва 11) муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ № 13 ва хонандагони литсейи № 1 ш. Бохтар, гимназияи № 1 ш. Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** дарёфти тадбирҳои самарабахш барои баланд бардоштани муваффақиятнокии таълими равиявӣ аз фанни биология барои хонандагони синфҳои 10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Дар таҳқиқот методҳои зерин истифода шуданд:**

- назариявӣ: таҳлил, синтез, муқоиса ва ҷамъбасткунӣ; амсиласозӣ;
- озмоишӣ: мушоҳидаи бевосита ё бавоситаи педагогӣ, пурсиши хаттии омӯзгорон ва хонандагон, суҳбат, озмоиши педагогӣ;
- методҳои омории таҳлили математикии маълумоти озмоиш.

**Навгонии илмии таҳқиқот**аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал:**

– аҳамият ва маънои чунин мафҳумҳои педагогӣ, ҳамчун «таълими равиявии биология», «курсҳои интихобии биология» муайян карда шуда, дар сатҳи назариявӣ амсилаи самарабахши таълими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба таълими равиявии соҳаи химия ва биология таҳия карда шуд;

– нақшаи намунавии таълим дар равияи табии ва математикии соҳаи химия ва биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми пешниҳод карда шуд.

– мафҳумҳои асосӣ вобаста ба равия ва соҳаи интихоб намудаи хонандагон таҳия, амиқ ва мушаххас гардида, намудҳо, усулҳо ва воситаҳои фардикунонии таълими соҳаи химия ва биология муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**аз он иборат аст, ки:

– мазмуну мундариҷаи курси биологӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ (10 – 11) асоснок карда шудаанд (инсондӯстӣ, ҳамгироӣ, тафриқавӣ, асоснокии донишҳои илмии биологӣ, алоқаи зичи таҳсилоти касбӣ бо политехникӣ);

– принсипҳои ташкилии таълими биология бо назардошти таълими равиявӣ (шахсӣ, мушкилот, баҳсҳо, мустақилии хонандагон дар қабули қарордодҳо, алоқаи мутақобилаи фаъолияти дастаҷамъӣ ва шахсии хонандагон, қаноатмандии хонандагон ба талаботҳои маънавӣ ва ниятҳо) ва ҳоказо муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**аз:

– истифодаи самараноки технологияи таълими биология дар синфҳои равиявӣ, (соҳаи химия ва биология), мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс ва лексияҳои проблемавӣ, лексия – сӯҳбатҳои тамоюли эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо, машғулиятҳои семинарӣ ва ғайра), вазифаҳои хонагии эҷодӣ бо унсурҳои вазифаҳои тадқиқотӣ, супоришҳои иловагии беруназсинфӣ (экскурсияҳо ба музейҳо ва табиат, ҷамияти илмии хонандагон аз фанни биология, конфронсҳои илмӣ, корҳои мустақилона оид ба омӯзиши адабиёти илмӣ;

– назорати дониши ба даст омадаи хонандагон (гузаронидани таҷрибаҳои биологӣ, намоиши корҳои амалӣ, ҳимояи рефератҳо, баҳогузорӣ оид ба

мавзӯъҳои интихобшуда ва умумӣ) ва методҳое, ки ба мустаҳкам намудани қобилияти мустақилонаи хонандагон таъсир расондан қодиранд (маълумотӣ ва тадқиқотӣ);

– методикаи истифодаи таълими равиявӣ дар фаъолияти амалии омӯзгорони биология ва табиатшиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ, дар тайёр намудани омӯзгорони биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ғайраҳо иборат аст.

**Дарачаи истифодаи таҳқиқот:** методикаи таълими равиявии биология дар амалияи оммавии кори омӯзгорони биология ва омӯзгорони фанҳои дигари сикли табиатшиносӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, зимни омодасозии омӯзгорони биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, низоми бозомӯзии кадрҳои педагогӣ мавриди истифода қарор мегирад.

**Соҳаи татбиқ:** натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар ҷараёни татбиқи методикаи таҳияшуда ба даст омадаанд, барои баланд бардоштани сифати азхудкунии донишҳои биологӣ ва донишҳо дар бораи касбҳо дар соҳаи биология; дар азхудкунии маҳоратҳои методологӣ, зеҳнӣ, амалиявӣ аз ҷониби хонандагон дар инкишоф додани майлу рағбат онҳо ба озмоиши биология ва тахассусҳои биологӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд.